ТАҚРИЗИ

роҳбари илмӣ ба таҳқиқи диссертатсионии Қоситов Ҷӯрабек Рафиқович дар мавзуи "Инкишофи бозори минтақавии меҳнат дар вилояти Суғд ва самтҳои танзими он" барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (Phd) доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050600 – Иқтисодиёт (6D050606 – Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ) пешниҳод шудааст

Мубрамии мавзуи таҳқиқи диссертатсионӣ. Бидуни фаъолияти босамари бозори меҳнат на танҳо дар иқтисодиёти ҷумҳурӣ, балки дар минтақаҳои он низ ба комёбӣ ноил гардидан имконнопазир мебошад. Зеро ташаккули муносибатҳои бозорӣ зарурати рушди низоми инфрасохтори бозорро талаб менамояд, ки бозори меҳнат яке аз унсури асосии он мебошад. Дар баробари ин барои рушди бозори меҳнати минтақа равиши нав зарур буда, муаммоҳои он аз ҷумла: мувозинати талаботу таклифот ба қувваи корӣ, имкониятҳои васеъ барои таъмини шуғли аҳолӣ ва ташкили ҷойҳои кории нав бо музди меҳнати муносиб мусоидат намояд. Аз ин лиҳоз, таҳқиқи инкишофи бозори минтақавии меҳнат дар иқтисодиёти минтақаҳо, коркарди чорабиниҳои зарурӣ роҷеъ ба мутобиқ намудани таклифоти қувваи корӣ ба талаботи иқтисодиёт, такмили механизмҳои институтсионалии танзими он масъалаи мубрам ва саривақтӣ ба ҳисоб меравад.

Қоситов Ҷ.Р. соли 2014 ба ихтисоси аудит ва ревизияи Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон дохил шуда, онро соли 2018 бо дипломи аъло хатм намудааст. Соли 2018 ба зинаи магистратураи муассисаи зикршуда аз рӯи ихтисоси иқтисодиёт ва идора дар корхона дохил шуда, соли 2020 ба итмом расонида, бо дипломи аъло ба унвони дараҷаи магистрӣ низ ноил гардидааст. Мавсуф бо фармоиши ректори Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон аз моҳи сентябри соли 2020 ба ҳайси докторанти кафедраи иқтисодиёти корхонаҳо ва минтақа қабул карда шудааст.

Фаъолияти меҳнатиашро соли 2020 ба ҳайси ассистенти кафедраи андоз ва андозбандии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон оғоз намуда, то ҳол фаъолият намуда истодааст.

Кори диссертатсионии Қоситов Ҷӯрабек Рафиқович "Инкишофи бозори минтақавии меҳнат дар вилояти Суғд ва самтҳои танзими он" аз муқаддима, 3 боб, 8 зербоб, хулоса, тавсияҳо ва феҳристи адабиёти истифодашуда иборат мебошад.

Дар муқаддима мубрамият, дараҷаи коркарди масъалаи илмӣ, мақсад ва вазифаҳо, объект ва мавзуи таҳқиқот муайян карда, навгонии илмӣ ва аҳаммияти амалии натиҷаҳои бадастовардашуда собит сохта шудаанд.

Дар боби якум – «Асосҳои назариявӣ-методии таҳқиқоти бозори меҳнати минтақавӣ» - таҳқиқи назарияи бозори меҳнат минтақа,

омӯзиши таҷрибаи кишварҳои хориҷӣ, роҳҳои татбиқи он дар иқтисодиёти вилояти Суғд баррасӣ гардидааст.

Дар натиҷаи таҳқиқоти боби мазкур муқаррароти назариявии бозори меҳнат, консепсияҳои шуғли аҳолӣ, иқтисодиёти минтақа низомбандӣ карда шудааст, ки дар асоси он ба мафҳуми тадқиқот тасҳеҳ ворид карда шудааст. Ҳамзамон, гуногунҷабҳагии равияҳои методӣ роҷеъ ба арзёбии бозори меҳнат мудаллал карда шудааст. Дар ин асос баҳри арзёбии объективии бозори меҳнати минтақа нишондиҳандаҳои он гурӯҳбандӣ карда шудаанд. Дар зербоби сеюм таҷрибаи кишварҳои ҷаҳон оид ба ташаккул, танзим ва рушди бозори меҳнат андӯхта шудааст ва ҷанбаҳои қобили қабул барои истифода дар иқтисодиёти минтақаи вилояти Суғд баррасӣ гардидааст.

Дар боби дуюм – "Вазъи муосир, арзёбӣ ва хусусиятҳои бозори меҳнат дар вилояти Суғд" - талаботу таклифот дар бозори меҳнат, арзёбии музди меҳнат мавриди омӯзиш қарор гирифтааст.

Дар боби мазкур вазъи ғайримувозинатии талаботу таклифот дар бозори меҳнати Суғд асоснок карда шудааст. Аз ҷумла, шадидии бекории ҷавонон асоснок карда шудааст. Инчунин шаҳру ноҳияҳои вилояти Суғд аз рӯйи сатҳи музди меҳнат гурӯҳбандӣ карда шудааст. Тағйироти сохторӣ дар бозори меҳнати вилояти Суғд асоснок карда шудааст. Дар ин асос мавҷудияти муаммоҳои зерин исбот гардидааст: - шуғли аҳолӣ дар соҳаи кишоварзӣ назаррас буда, меҳнати дастӣ нисбат ба меҳнати ақлӣ ҳоло ҳам саҳми зиёд дорад. Дар бештари соҳаҳои иқтисодиёти вилоят музди меҳнати сатҳи номуносиб ҷой дошта, сабаби асосии муҳоҷирати меҳнатӣ гардидааст; - гардиши қувваи корӣ, яъне озодшавӣ аз кор, ивазшавӣ, қабул ба кор ноустувор аст. Коэффитсиенти аз корравӣ, қабул ба кор, ивазнамоӣ ҳисоб карда шуда, зарурати таъмини муътадилии шуғл дар соҳаҳои иқтисодиёти вилояти Суғд асоснок карда шудааст. Иқтидори ҷавонон оид ба имконияти ивази ҷойҳои корӣ аҳолии калонсол, сарбории нафақавӣ ва демографӣ дар вилояти Суғд муайян карда шудааст. Тибқи он исбот гардидааст, ки дар минтақа бо кор таъмин гардидани ҷавонон дар сатҳи нокифоя қарор дошта, сарбории демографӣ (шахсони ниёзи нигаҳбонӣ ба ҳар сари аҳолии машғули кор) баланд аст. Ҷорӣ намудани техникаву технологияи нав, рушди иқтисодиёти инноватсионӣ дар вилоят барои баланд бардоштани маҳсулнокии меҳнат, коҳиши меҳнатталабии истеҳсолот исбот карда шудааст.

Дар боби сеюм – «Такмили танзими бозори меҳнат дар иқтисодиёти минтақа» - амсилаи таъсири омилҳои гуногун ба вазъи бозори меҳнат, тавсияҳои илмӣ-амалӣ баррасӣ гардидааст.

Амсилаи таъсири омилҳои иқтисодии гуногун ба вазъи бозори меҳнат коркард карда шудааст. Муайян гардидааст, ки дар шароити муосир ҳассоснокии тағйирот дар бозори меҳнати минтақа аз тамоюлҳои мусбати МММ ба ҳар сари аҳолӣ бештар вобастагии қавӣ дорад, сипас рушди соҳаи саноат, афзоиши музди меҳнат низ таъсири

назаррас дорад. Тавсияҳои илмӣ-амалӣ оид ба танзими инкишофи бозори минтақавии меҳнат бо таҷдиди ҳамгироӣ бо мактабҳои олӣ, тайёр намудани сармояи инсонӣ ва ғайра пешниҳод гардидааст.

Дар хулоса ва пешниҳодҳо натиҷаҳои асосии таҳқиқи илмӣ ҷамъбаст гардидаанд. Нуктаҳои илмӣ ва натиҷаҳои диссертатсия илман асоснок буда, бо далелҳои муътамади назариявӣ – методӣ ва таҳлилӣ мустаҳкам шудаанд. Муҳтавои асосии диссертатсия дар мақолаҳои илмии нашргардида ва баромадҳои мухталиф дар конфронсҳои сатҳи гуногун инъикос ёфтаанд.

Хулоса, диссертатсияи Қоситов Ҷӯрабек Рафиқович дар мавзуи “Инкишофи бозори минтақавии меҳнат дар вилояти Суғд ва самтҳои танзими он” ба талаботи тартиб додани дараҷаҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267) ва Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсия ва автореферати диссертатсия (қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 марти соли 2021, № 3) ҷавобгӯ буда, ҷиҳати сазовор гардидан ба дараҷаи илмии доктори фалсафа (Phd) доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050600 – Иқтисодиёт (6D050606 – Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ) барои ҳимоя пешниҳод карда мешавад.

Роҳбари илмӣ д.и.и,
профессор, муовини ректор
оид ба робитаҳои байналмилалии
Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ,
бизнес ва сиёсати Тоҷикистон **Ризозода Т.Р.**

“10” 04 2025 с.

Суроға: 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
вилояти Суғд, ш. Хуҷанд,
микроноҳияи 17, хонаи 1, ДДҲБСТ
тел: (+992) 92-777-77-35; e-mail: t_rizokulov@mail.ru

Имзои Ризозода Т.Р.-ро тасдиқ менамоям.
Сардори раёсати кадрҳо ва
корҳои махсуси ДДҲБСТ **Бобоев А.Х.**

Суроға: 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Хуҷанд, микроноҳияи 17, хонаи 1.
телефон: +992(3422)23811
факс: +992(3422)25170; e-mail: Info@tsulbp.tj, tsulbp@rambler.ru

“10” 04 2025 с.